**ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ**
**ба диссертатсияи Шарофидинзод Муслиҳиддин Шарофидин дар мавзуи «Шартҳои педагогии ҳамкории мактаб ва оила дар пешрафти мусиқӣ-эстетикии хонандагон» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) аз рӯи ихтисоси 6D010600 – Таҳсилоти мусиқӣ (6D010601 – Назария ва методикаи таълими мусиқӣ)**

**Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мавзуи диссертатсионии “Шартҳои педагогии ҳамкории мактаб ва оила дар ташаккули фарҳанги мусиқӣ - эстетикии хонандагон” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯи ихтисоси 6D010600 – Таҳсилоти мусиқӣ, (6D010601 - Назария ва методикаи таълими мусиқӣ) бо шиносномаи ихтисосҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқат мекунад.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқ.**

Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон борҳо таъкид намудаанд, ки яке аз вазифаҳои муҳими фарҳангсозии ҷомеа - ин рушди зебоишиносӣ ва завқи мусиқии шаҳрвандон, бахусус хонандагон аст. Муассисаҳои фарҳанг ва таълим дар ин раванд нақши ҳалкунанда доранд.

Тарбияи мусиқӣ - эстетикӣ ба ташаккули завқи мусиқидустӣ, ҳисси зебоӣ, ахлоқ ва маънавиёт мусоидат мекунад. Омӯзонидани шунидани мусиқӣ, дарк ва эҳсоси он дар мактаб ва оила ба инкишофи қобилияти эҷодӣ ва ҳисси зебоиофарии кӯдак таъсири мусбат мерасонад. Муҳим аст, ки дар ин раванд омилҳои биологӣ, равонӣ, педагогӣ ва иҷтимоӣ ба таври ҳамҷоя ба назар гирифта шаванд. Таълими мусиқӣ дар ҳамкорӣ бо оила қисми ҷудонопазири системаи тарбияи эстетикӣ мебошад. Мактаб ва оила бояд муҳити мусоиди фарҳангӣ эҷод намоянд, то кӯдак дар фазои мусиқӣ ва санъат рушд ёбад. Дар ҳақиқат, тарбияи мусиқӣ - эстетикӣ дар ташаккули ҷаҳонбинии маънавӣ ва тақвияти руҳияи миллӣ нақши бузург мебозад.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тавассути як қатор барномаҳои давлатӣ - аз ҷумла “Барномаи рушди мусиқии касбӣ” (2011 - 2015), “Барномаи рушди муассисаҳои фарҳангӣ” (2016 - 2025) ва “Барномаи дарёфти истеъдодҳо” (2015 - 2020) - ҷиҳати дастгирии ин самт тадбирҳои муассир андешидааст. Дар ин раванд, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» [2] нақши махсус бозида. аҳамияти рушди зебоишиносӣ ва фаъолияти фарҳангиро барои насли нав таъкид мекунад.

Бо вуҷуди тадбирҳои андешидашуда, дар таҷрибаи таълим мушкилот боқӣ мондааст. Дар низоми таҳсилоти ибтидоӣ ҳанӯз ҳам сифати омӯзиши

фанни мусиқӣ ва истифодаи имкониятҳои тарбиявии он кофӣ нест. Стандартҳои нави таҳсилот ба худомӯзӣ ва фаъолиятҳои эҷодӣ такон медиҳанд, вале дар адабиёти педагогӣ-методӣ мафҳуми “сифатҳои мусиқӣ - эстетикӣ” ҳанӯз пурра муайян нашудааст.

Таҳқиқотҳо нишон медиҳанд, ки ҳамкории муассисаҳои таълимӣ ва оила дар рушди қобилиятҳои мусиқии кӯдакон натиҷаи хуб медиҳад. Хонандагон тавассути машғулиятҳои иловагӣ ба фаъолияти фарҳангӣ ҷалб шуда, аз омилҳои манфии иҷтимоӣ дур мемонанд. Аммо бояд таъкид кард, ки фанни эстетика дар донишгоҳҳои кишвар ҳанӯз ба таври кофӣ омӯхта намешавад, ки ин ба сатҳи умумии зебоишиносии ҷомеа таъсири манфӣ мерасонад.

Аз ин рӯ, таҳқиқи масъалаҳои ташаккули мусиқӣ-эстетикии хонандагон дар низоми муосири таҳсилоти миллӣ аҳамияти бузург дорад. Омӯзиши ҳамаҷонибаи ин раванд ба муайян намудани роҳҳои самараноки тарбия ва беҳтар намудани фаъолияти таълимию тарбиявӣ мусоидат хоҳад кард. Танҳо дар сурати ҳамкории муассисаҳои таълимӣ, оила ва ҷомеа метавон ба ташаккули инсони дорои завқи баланд, ҳисси зебоӣ ва маънавияти комил ноил гардид.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳо дар диссертатсия ва нуктаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд.** Муаллифи диссертатсия вазъи таҳқиқоти илмӣ - педагогӣ ва фарҳангшиносӣ ва таҷрибаи муассисаҳои муосири таҳсилоти умумӣ, таҳсилоти иловагии хонандагон, оилаҳоро дар тарбияи мусиқӣ-эстетикӣ ҳамаҷониба таҳлил намуда, ба нававарии зерин ноил гардидааст:

- роҳҳои самарабахши ташкил ва истифодаи ҳамкории мактаб ва оила дар ташаккули мусиқӣ - эстетикии хонандагон дар муассисаҳои таълимӣ муайян карда шудаанд;

- воситаҳои мақсаднок ва мунтазами педагогии таълими мусиқӣ ҷорӣ карда шуданд, ки ба баланд бардоштани шавқи хонандагон ба мусиқӣ ва мусиқӣ - эстетикӣ нигаронида шудаанд;

- муносибати ташкил ва истифодаи фарҳанги мусиқӣ-эстетикӣ дар муассисаҳои таълимӣ асоснок карда шудааст;

- тибқи консепсия шароитҳои педагогӣ ва психологии ташаккули фарҳанги мусиқӣ - эстетикӣ дар хонандагон муайян карда шудаанд;

- роҳҳои оптималии ташкили фаъолияти таълимӣ ва эҷодии хонандагон дар дарс - консертҳо нишон дода шудаанд;

- тавсияҳои илмию методӣ омода ва пешниҳод карда шуданд;

- муайян карда шуд, ки барои мустаҳкамсозии рағбат ба мусиқӣ ва шаклҳои дигари санъат истифодаи методи интерактивӣ, бозиҳои мусиқӣ, иҷрои бадеии нақшҳо ва дигар усулҳои фаъол муҳим ба шумор мераванд;

- муайян гардид, ки истифодаи анъанаҳои бойи фарҳанги миллӣ дар дарсҳои мусиқӣ ва дигар шаклҳои санъат дар завқи мусиқӣ - эстетикии хонандагон муҳим мебошад.

Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда чунин мебошанд:

- тарбияи мусиқӣ яке аз шаклҳои муҳими тарбияи эстетикии хонандагон ба шумор рафта, бояд мақсаднок дар заминаи усулҳои беҳтарини педагогӣ ба роҳ монда шавад. Зеро, маҳз дар натиҷаи ин амал имконият фароҳам меояд, ки барои хонандагон муҳити мусоиди ҷомеапазирӣ, муоширaт бо ҳамсолону дигарон ва ҳисси баланди эстетикӣ муҳайё гардад;

- яке аз методҳои муосиру самараноки тарбияи мусиқии хонандагон ва ба ин васила баланд бардоштани ҳисси эстетикии онҳо методи интерактивӣ, бозӣ, иҷрои бадеии нақшҳо ва дигар усулҳои фаъол ба шумор мераванд;

- ба ҳам муттаҳид кардани саъю талоши мактабу оила дар самти сайқалдиҳии маҳорати дарку иҷрои супоришҳо дар дарсҳои мусиқӣ барои тарбияи эстетикии хонандагон хеле муҳим аст. Зеро оила яке аз ниҳодҳои муҳиму муътабари тарбия мебошад ва нақши он барои фаъолгардонии завқи эстетики хонандагон, аз ҷумла мустаҳкамсозии рағбат ба мусиқӣ ва шаклҳои дигари санъат бузург аст;

- ташкили педагогии дарсҳо аз намудҳои гуногуни санъат, аз ҷумла санъати мусиқӣ барои кӯдакон набояд бидуни ба эътибор гирифтани хусусиятҳои синнусолии онҳо ба роҳ монда шавад;

**Асосҳои назариявӣ ва методологии таҳқиқоти** илмӣ ба равишҳои зерини ташаккули арзишҳои мусиқӣ ва эстетикӣ - системавӣ, фарҳангӣ, аксиологӣ асос ёфта, чунин таҳқиқотҳоро оид ба таърих ва назарияи маориф ва тарбияи мусиқӣ дар ҷумҳурӣ дарбар гирифтааст: дар соҳаи таърихи таълиму тарбияи мусиқӣ дар ҷумҳурӣ С. Сизикова [137], М. Юлдашева [169], М. Набиева [125], Б. Хайруллоев [84] ва дигарон мақола, асар, таҳқиқотҳои илмию оммавӣ ба таълиму тарбияи хонандагон дар тарбияи забоипарастӣ - дар сатҳи фалсафӣ - мафҳумҳои гуманистии Р. Амонов [22], С. Раҳимов [130], В. Мирзоев [156] таҳқиқоти иҷтимоию психологии талаботи хонанда ва назарияи инкишофи қобилияти эҷодӣ - Д. Рамазонов [160], назарияҳои педагогии Б. Хайруллоев [84], В. А. Школяр - Е. Д. Критская [64], муқаррарот дар бораи тарбияи мусиқию эстетикӣ - Д. Рамазонов [160], В.Н. Шацкая [89], Е.Б. Зотова [108], Т.Жоробеков [103] ва ғ. консепсияи тарбияи эҳсосӣ-мусиқӣ-эстетикӣ ва бадеию эстетикии воситаҳои асосии тарбияи ҷаҳонбинии эстетикии хонандагонро муайян мекунанд.

**Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот:**

1. Назария ва амалияи рушди қобилиятҳо, таҷрибаи амалии кормандони соҳа дар кишвар ва берун аз он мавриди омӯзишу истифодабарӣ қарор дода

шавад, ки ин такмилдиҳии низоми таълиму тарбия ва рушди қобилияту истеъдоди ҳар як хонанда мусоидат намояд.

2. Дар барномаҳои таълимӣ қобилияти мусиқидонии хонандагон дар раванди фаъолиятҳои таълимӣ - мусиқӣ, қисматҳои алоҳида ҷудо карда шуда, ба пешрафти назария ва амалияи соҳа, салоҳиятмандии омӯзгорони мусиқӣ мусоидат карда шавад;

3. Барои омода кардани мутахассисони баландихтисос сафарбар кардани такмили ихтисос ва таъмин кардани асбобҳои мусиқӣ дар ҳар як муассисаи таълимӣ;

4. Барои баланд бардоштани дониш маҳорат ва малакаи аҳли оила омода кардани дастурҳои таълимӣ, монография ва китобҳои дарсие, ки маърифати онҳо баланд бардошта шавад;

5. Ташкил кардани шуъбаи магистратура барои хатмкунандагони болаёқатро барои давом додани таҳсил ба донишгоҳҳо ва донишкадаҳо сафарбар намоянд.

**Ҳаҷм ва сохтори диссертатсия.** Диссертатсия аз сарсухан, се фасл, шаш зербоб, озмоиши педагогӣ, хулоса, номгӯи адабиёт ва замимаҳои истифодашуда иборат аст. Муҳтавои рисола дар 171 - саҳифаи ҳуруфчинии компютерӣ баён карда шудааст. Дар матн 11 - ҷадвал, 3 – расм, 2 -амсила ва 4 - диаграмма мавҷуд мебошад. Руйхати адабиёт 169 номгӯро фаро гирифтааст.

Дар муқаддимаи рисола диссертант ба масъалаҳои мубрамият ва муҳиммияти мавзуъ, дараҷаи омӯзиши он дар адабиёти илмӣ, ҳадафу вазифаҳои таҳқиқ, навовариҳои илмӣ, аҳамияти назариявию амалии натиҷаҳо диққати ҷиддӣ дода, ҳамчунин нуктаҳои ба дифоъ пешниҳодшуда, саҳми шахсии муаллиф, заминаи манбаъшиносӣ ва сохтору ҳаҷми рисола мутобиқи талаботи таълифи корҳои илмӣ ба таври муназзам муайян шудаанд.

Боби якуми диссертатсия - «Тарбияи эстетикӣ ҳамчун самти афзалиятноки таҳсилоти мусиқӣ», ки аз ду зербоб иборат аст, ба таҳлили масъалаҳои марбут ба таърихи мусиқии тоҷик ва раванди ташаккули фарҳанги мусиқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, бахусус дар даврони истиқлолият, бахшида шудааст. Муаллиф кӯшиш намудааст, ки ҷанбаҳои наву ҷолиби ин равандро ошкор созад. Диссертант таъкид менамояд, ки мусиқӣ яке аз бахшҳои муҳими фарҳанги мардуми тоҷик буда, аз қадимулайём то имрӯз дар ҳаёти ҷомеа ҷойгоҳи хосса дорад ва дар тӯли асрҳо рӯйдодҳои таърихӣ, муҳити иҷтимоӣ ва тарзи зиндагии мардумро инъикос намудааст (рисола, с. 19).

Хусусан дар даврони истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, рушди ҳамаҷонибаи соҳаҳои фарҳанги мусиқӣ ба мушоҳида мерасад. Ҳунармандони тоҷик бо пешниҳоди мероси ғании фарҳангӣ ва дастовардҳои нави эҷодӣ дар чорабиниҳои фарҳангиву ҳунарӣ, барномаҳои консертӣ, воситаҳои ахбори омма ва шабакаҳои интернетӣ фаъолона иштирок намуда, дар

паҳн гардидани мусиқии миллӣ дар сатҳи байналмилалӣ саҳми арзанда мегузоранд (рисола, с. 20).

Дар зербоби дуюм масъалаи аҳамияти таҳқиқоти назариявӣ ва методӣ дар ташаккули арзишҳои мусиқӣ-эстетикӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Диссертант бар он ақида аст, ки таҳқиқотҳои назариявию методӣ дар соҳаи педагогикаи мусиқӣ ва эстетика имкон медиҳанд, ки қонуниятҳои ҳамкории мусиқӣ ва шахсият ошкор гардида, механизмҳои дарк ва тафсири зуҳуроти мусиқӣ муайян карда шаванд. Заминаи назариявию методӣ ҳамчун пояи таҳияи моделҳои амалии таълими мусиқӣ баромад намуда, меъёрҳои идеали эстетикӣ ва арзёбии ҳунариро муайян месозад.

Дар боби дуюми диссертатсия - «Унсурҳои муҳими раванди таълим ва тарбия», ки аз ду зербоб иборат аст, дар зербоби аввал нақши муҳити таълимии мактабӣ ва омӯзгори мусиқӣ дар рушди фарҳанги мусиқӣ-эстетикии хонандагон таҳлил мегардад. Муаллиф малака ва маҳорати касбии омӯзгори фанни «Суруд ва мусиқӣ»-ро дар раванди таълим дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ мавриди омӯзиш қарор дода, аҳамияти онро дар ташаккули ҷаҳонбинии эстетикӣ ва рушди қобилиятҳои эҷодии хонандагон асоснок менамояд.

Дар диссертатсия масъалаи хусусиятҳои касбии хоси омӯзгори мусиқӣ мавриди баррасии ҷиддӣ қарор гирифта, дар натиҷа хулоса бароварда шудааст, ки омӯзгори ояндаи мусиқӣ бояд дорои маҷмӯи муайяни маҳорату малакаҳои касбӣ бошад. Аз ҷумла, омӯзгори мусиқӣ бояд:

- тавонад масъалаҳои умдаи мусиқиро ба хонандагон ба таври муассир, илмӣ ва ҳаматарафа шарҳ дода, онҳоро тавассути иҷрои амалии асарҳои мусиқӣ равшан намояд ва бо навохтан ё сурудхонии намунавӣ мазмунро пурратар гардонад;
- барои такмили дониш ва малакаҳои мусиқии хонандагон бо волидайн ҳамкории пайваста ба роҳ монад;
- волидайнро аз пешрафт ва муваффақиятҳои таълимии хонандагон саривақт огоҳ намояд;
- хусусиятҳои асосӣ, самт ва ҷараёни сабтҳои мусиқиро таҳлил ва муайян карда тавонад;
- дорои қобилиятҳои баланди эҷодӣ буда, усулҳои самараноки интиқоли маводи таълимиро ба шогирдон омӯзонад;
- шакл ва жанрҳои гуногуни мусиқиро ҳангоми омӯзиш ва иҷрои асарҳои мусиқӣ ба таври мақсаднок дарк ва татбиқ намояд;
- соҳиби донишҳои мукаммали педагогӣ ва психологӣ бошад ва ғ. (рисола, с. 63).

Мувофиқи таҳқиқоти диссертант, дар зербоби дуюми боби дуюм, ки «Муҳити оилавӣ: вазифаҳои тарбиявию педагогии волидайн дар такмили завқи

зебоишиносии насли наврас» унвон дорад, мавқеи оила дар тарбияи мусиқии фарзанд ва муваффақияти он дар раванди таълими мусиқӣ баррасӣ гардидааст. Муаллиф ба таври асоснок нишон медиҳад, ки мактаб ҳамчун муассисаи давлатӣ ва оила ҳамчун ниҳоди ибтидоии иҷтимоӣ дар тарбияи ҳамаҷонибаи насли наврас нақши марказӣ ва ҳалкунанда доранд.

Чунонки муаллиф таъкид менамояд, ҳамкории муосири оила бо мактаб ва муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ ба ғояи пурра намудани бартариҳо ва ҷуброни мутақобилаи имкониятҳои аздастдодашуда асос меёбад. Дар ҳоле ки тарбияи оилавӣ аксаран дорои асоснокии назариявӣ, мақсаднокӣ ва банақшагирии дақиқ нест, ҳадафҳо, мазмун, принсипҳо ва усулҳои тарбия дар муассисаҳои давлатӣ аз лиҳози илмӣ асоснок карда шудаанд (рисола, с. 91).

Илова бар ин, диссертант бар он назар аст, ки вазифаҳои тарбияи мусиқию педагогии падару модарон дар муассисаҳои таълимӣ аҳамияти худро аз даст надодаанд. Бо мақсади ташаккули донишҳои мусиқии хонандагон, муаллиф шаклҳои зерини ҳамкориро пешниҳод менамояд:

- муоширати инфиродӣ дар ҷараёни раванди таълим;
- машваратҳои шахсӣ бо волидайн;
- муҳайё намудани муҳити мусиқии оилавӣ тавассути сабтҳои аудио, китобҳо барои мутолиаи оилавӣ, дастурҳо оид ба ташкили муҳити мусиқӣ, иҷрои вазифаҳои хонагии тарбиявӣ ва баргузории чорабиниҳои мусиқию эҷодии оилавӣ.

Боби сеюми диссертатсия таҳти унвони «**Ҳамкории мактаб ва оила ҳамчун асоси ташаккули фарҳанги мусиқӣ-эстетикии хонандагон**» меҳвари асосии таҳқиқро ташкил дода, аз ду зербоб иборат аст. Дар зербоби аввал диссертант шаклҳо ва методҳои муассири ҳамкории мактаб ва оиларо таҳқиқ намудааст. Аз ҷумла, шаклҳо ва воситаҳои маъмултарини ҳамкории оила ва муассисаи таълимӣ, аз қабили машваратҳо ва маҷлисҳои волидон, чорабиниҳои муштарак, фаъолияти лоиҳавӣ, истифодаи технологияҳои муосир, шунавоии мусиқӣ, шиносоӣ бо асбобҳои мусиқӣ, сурудхонӣ бо ҳамовозии асбобҳои мусиқӣ, бозӣ, рақс, дарсҳои иловагӣ ва ғайра баррасӣ шудаанд. Ин шаклҳо ба рушди қобилиятҳои мусиқию эҷодии хонандагон мусоидат намуда, таъсири мусбати тарбиявӣ мерасонанд.

Ҳамзамон, муҳаққиқ ҷанбаи муҳими раванди дарсандӯзиро дар муносибати мутақобилаи омӯзгор ва хонанда дар дарси мусиқӣ мебинад, ки бояд ба муоширати шахсӣ ва эътимоднок асос ёбад. Омӯзгор фаъолияти мусиқии ҳамаи хонандагонро роҳбарӣ ва назорат намуда, ҳамзамон барои ҳамкории байниҳамдигарии хонандагон замина фароҳам меорад. Ин раванд ба азхудкунии амиқи донишҳо ва ташаккули малакаҳои зарурии мусиқӣ мусоидат мекунад (рисола, с. 109).

Дар зербоби дуюми ин боб - «**Татбиқи тачрибавӣ ва таҳлили натичаҳои пажӯҳиш**» корҳои озмоишӣ ва натичаҳои бадастомада мавриди таҳлили ҳамачониба қарор гирифтаанд. Рушди ҳар як нишондиҳанда аз рӯи сатҳҳо муайян гардида, натичаҳо дар шакли чадвалҳо, нишондиҳандаҳо ва диаграммаҳо пешниҳод шудаанд. Муайян гардидааст, ки дар шароити муосир дарсҳои «Суруд ва мусиқӣ» дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ яке аз заминаҳои асосии паҳн намудани фарҳанги мусиқӣ ба ҳисоб рафта, на танҳо ба рушди қобилиятҳои хонандагони соҳибистеъдод, балки ба ташаккули дарки баланди эстетикии ҳамаи хонандагон нисбат ба асарҳои мусиқии миллӣ дар доираи арзишҳои умумичаҳонии фарҳанг мусоидат менамоянд.

Коркарди илмии натичаҳои таҳқиқ ва нашри таълифоти илмӣ вобаста ба мавзуи диссертатсия ба талабот ва меъёрҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Чумҳурии Точикистон чавобгӯ мебошанд.

**Хулоса,** ҳамкории мактаб ва аҳли оиларо дар ташаккули сатҳи баланди дарки мусиқӣ, чаҳонбинии хонандагон васеъ намуда, имкон медиҳад, ки дарачаи маҳорату малакаҳои эчодӣ ва ичрокунандагии онҳо хеле баланд бардошта шавад, қобилияти мусиқии онҳо инкишоф дода шавад. Таҳлили адабиёти педагогӣ, психологӣ, методӣ, санъатшиносӣ нишон дод, ки ташаккули дарки мусиқии хонандагон вазифаи таъхирнопазири амалияи на танҳо муаллим, балки волидайн ва таҳсилоти иловагӣ мебошад. Ташаккули тафаккури хонанда бо фарҳанг, санъат ва махсусан, бо дарси суруд ва мусиқӣ зич алоқаманд аст.

**Аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва ичтимоии диссертатсия** дар васеъ намудани ақидаҳои илмӣ дар бораи эҳтиёчоти фарҳанги мусиқӣ-эстетикӣ ва хусусиятҳои ташаккули онҳо дар хонандагони муассисаҳои таҳсилотӣ иборат аст, ки онро мачмуи аслии мукаммали равишҳои фарҳангӣ, барои омӯзиши масъалаҳои ташаккули дарсҳои мусиқӣ, таъмини дурустии ташаккули он ва фароҳам овардани имконият барои ноил шудан ба ҳадафи омӯзиш;

- моҳияти мафҳуми «талаботи мусиқӣ - эстетикӣ» - и хонандагони муассисаҳои таҳсилотӣ, ки дар таҳқиқот ҳамчун масъалаҳои хонаводагӣ ва ҳамкорӣ ба мактаб, сарчашмаи фаъолияте, ки хонандагон ба худшиносии фарҳангии худ ифодаи эчодӣ, дарки эҳсосотӣ ташвиқ менамояд, равшан намуд;

- принсипҳои ташаккули хонандагони муассисаҳои таҳсилотӣ, ягонагии тарбияи мусиқӣ - эстетикӣ бо назардошти шавқу ҳаваси хонаводагӣ ва хусусиятҳои синнусолии хонандагон;

- муайян намудани ҳиссиёти мусбат дар чараёни дарси суруд ва мусиқиро дар бар мегирад.

Аҳамияти амалии таҳқиқот - натичаҳои таҳқиқот ва тавсияҳои илмӣ - методии таҳияшуда барои кормандони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, таҳсилоти иловагии хонандагон ва наврасон ва хонавода дар корҳои тарбиявӣ –

мусиқӣ - эстетикӣ кумак расонида метавонад. Инчунин, маводи дар рисолаи илмӣ овардашуда барои шуъбаи маориф ва фарҳанг ва дигар муассисаҳои таълимию тарбиявӣ дар минтақа ва ҷумҳурӣ ҳамчун дастури хуби таълимӣ-методӣ кӯмак расонида, дар семинарҳои кормандони соҳаи маориф ва фарҳанг истифода шуда метавонад.

Пешниҳодҳои илмӣ-методие, ки дар рисолаи илмӣ ҷой дода шудаанд, аз ҷониби кормандони соҳаи маориф дар ташаккули мусиқӣ-эстетикии хонандагон мавриди баҳрабардорӣ қарор мегиранд.

**Нашри натиљањои таҳқиқ аз рӯйи мавзуи диссертатсия** дар маљаллањои такризшавандаи КОА-и назди Президенти Љумњурии Тољикистон нашр шудааст, ки 25 - то мақола, аз ҷумла 7 - тои онҳо дар матбуоти даврии тавсиякардаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 3 мақола дар конференсияҳои байналмилаллӣ дар Федератсияи Россия, 4 мақола дар конференсияи байналмиллалӣ дар шаҳри Тошкент ва 11 мақола дар конфренсияҳои ҷумҳуриявии шаҳри Душанбе пурра муњтавои диссертатсияро дарбар мегирад.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссия**

Автореферат, ки аз диссертатсия бармеояд, ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021 таҳти № 267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ мебошад.

Диссертатсия ва автореферати Шарофидинзод Муслиҳиддин Шарофидин дар мавзуи «**Шартҳои педагогии ҳамкории мактаб ва оила дар пешрафти мусиқӣ-эстетикии хонандагон**» ба талаботи Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия, автореферати диссертатсия ва дигар маводи илмӣ, инчунин ба муқаррароти Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пурра ҷавобгӯ мебошанд.

Ҳамзамон, дар баробари дастовардҳо ва муваффақиятҳои илмӣ, дар рисола баъзе ҳолатҳои баҳсталаб ва камбудиҳои ҷузъӣ низ мушоҳида мегарданд, ки ислоҳи онҳо метавонад ба боз ҳам баланд гардидани сатҳи илмӣ ва ҳусни методологии кори диссертатсионӣ мусоидат намояд. Аз ҷумла:

1. Дар зербоби якуми боби аввали диссертатсия, ки «Раванди ташаккули таҳсилоти мусиқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар даврони истиқлолият» унвон дорад, мувофиқ мебуд, агар ҷойгоҳ ва нақши озмунҳои ҷумҳуриявии даврони истиқлолият дар тарбияи мусиқӣ-эстетикии насли наврас ба таври мушаххас ва муфассалтар равшан мегардид.

2. Дар зербоби дуюми боби дуюм, бахшида ба вазифаҳои тарбиявию педагогии волидайн дар такмили завқи зебоишиносии насли наврас дар муҳити оилавӣ, зарур мешуморем, ки мулоҳизарониҳо оид ба нақш ва масъулияти

волидайн дар тарбияи мусиқӣ-эстетикии хонандагон густардатар баён карда мешуданд.

3. Дар матни диссертатсия ва автореферат баъзе иштибоҳоти техникӣ ва таҳририӣ ба назар мерасанд, ки ислоҳи онҳо ба сифат ва ҳусни зоҳирии рисола таъсири мусбат мерасонад.

Бо вуҷуди ин, бояд таъкид намуд, ки камбудиҳои зикршуда хусусияти ҷузъӣ дошта, сатҳи илмӣ ва арзиши назариявию амалии диссертатсияро коҳиш намедиҳанд, зеро муаллиф вазифаҳои дар назди худ гузошташударо пурра ва бо масъулияти баланд иҷро намудааст.

Дар маҷмуъ, диссертатсияи Шарофидинзод Муслиҳиддин Шарофидин дар мавзуи «Шартҳои педагогии ҳамкории мактаб ва оила дар тарбияи мусиқӣ-эстетикии хонандагон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) аз рӯи ихтисоси 6D010600 – Таҳсилоти мусиқӣ (6D010601 – Назария ва методикаи таълими мусиқӣ) пешниҳод гардидааст, дар сатҳи баланди илмӣ ба анҷом расида, ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021,№ 267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) аз рӯи ихтисоси 6D010600 – Таҳсилоти мусиқӣ (6D010601 – Назария ва методикаи таълими мусиқӣ) аз рӯйи ихтисоси номбаршуда мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
доктори илмҳои педагогӣ,
профессор, нафақахур **Юлдашева М.Р.**

Имзои Юлдашева М.Р.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳои МДТ «ДДФСТ
ба номи М. Турсунзода” **Нуридинзода Ф.**

ШУЪБАИ КАДРҲО
ОТДЕЛ КАДРОВ

Суроға: МДТ «ДДФСТ ба номи М. Турсунзода”
Нишонӣ: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш.Душанбе, к. Борбад 73А